*Ба Шӯрои диссертатсионии 6DКОА – 12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ,1/2)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - «Иқтисодиёти меҳнат».**

## I. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.

Дар айни замон рушди муносибатҳои бозорӣ ба низоми шуғл тақвият бахшида, равияҳои нав дар соҳаи сиёсати шуғл, бахусус бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он барномаҳои соҳавию минтақавӣ қабул гардидааст. Хусусан самтҳои таъмини рушди иқтисодӣ ва тақвият бахшидан ба соҳаи рушди бозори меҳнат ва шуғл дар мамлакат дар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 татбиқ гардидааст. Бинобар ин, асосноккунонии мавқеи шуғли пурмаҳсул, методология ва механизми татбиқи самтҳои стратегии таъмини шуғли пурмаҳсул ва баланд бардоштани даромадҳои аҳолӣ масъалаҳои муҳими бозори меҳнат ҳисобида мешавад.

Зимнан, масъалаҳои назария ва методологияи рушди бозори меҳнат ниёз ба ташаккул ва такмили арзёбии миқдории шуғли пурмаҳсул дар робита бо омӯзиши мазмуни иқтисодии он дорад. Аз ин лиҳоз, дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои стратегии рушди бозори меҳнат ба ин масъала диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Ин ҳолат бо он асоснок мешавад, ки тақвият бахшидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 пурра дарҷ гардидааст.

Бояд қайд кард, ки унсури таркибии таҳқиқоти илмии мазкур ин такмил додани арзёбии шуғли пурмаҳсул ба шумор меравад. Дар ин бобат муаллифи кори диссертатсионӣ дуруст қайд менамояд, ки тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи ҳолат, тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, инчунин муайян кардани сатҳи рушди шуғли аҳолӣ бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон ниёз ба гузаронидани таҳқиқоти илмиро дорад. Ҳамаи ин масъалаҳои қайдшуда, ки то ба имрӯз дар таҳқиқоти илмии иқтисодшиносони тоҷик ба таври пурра таҳқиқ карда нашудаанд, мубрамияти мавзӯи диссертатсияро муайян менамояд.

## II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).

2. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).

3. Масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ.

4. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Албата тавсияҳои амалӣ ва усулҳои методии коркардшуда зимни таълими курсҳои махсуси лексионӣ, навиштани дастурҳои амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки иқтисодчиёни ояндаро тайёр менамоянд, метавонад истифода шаванд. Муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти меҳнат»,

«Бозори меҳнат», «Омори бозори меҳнат» ва ғайра ба сифати мавод метавонад хизмат расонад.

## III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Муҳтавои асосии навгонии диссертатсия аз истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи масъалаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсулро дарбар мегирад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии корро муайян намудаанд:

❖ асоснок кунонида шудааст, ки муҳтавои асосии шуғли пурмаҳсул дар доираи бозори меҳнат на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ, инчунин аз «нигоҳи иқтисодӣ» ки ба корманд имконият медиҳад манфиати шахсии худро татбиқ намояд, навовариҳои илму техникиро дар фаъолияти хеш истифода бурда, барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат ва музди кори муносиб муваффақ шавад, ки ба такрористеҳсоли муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он мусоидат намояд, ифода меёбад;

❖ барои арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ пешниҳод шудааст. Тавассути нишондиҳандаҳои мазкур иқтидори иқтисодӣ, ғунҷоиши бозори меҳнат ва дараҷаи ҷалби аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзёбӣ карда шудаанд;

❖ барои андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул, истифодаи тарзу усулҳои маъмул, татбиқи усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ бартарии калон дорад. Маҳз тавассути истифодаи усули мазкур, таҳкимии ҳолати ҳар нишондиҳандаи тавсифкунанда барои давраҳои муайяни таҳлилӣ, яъне рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли устувори пурмаҳсул муайян карда шудааст;

❖ асоснок карда шудааст, ки дар ҳолате, ки таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар, талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи

корӣ муътадилан афзуда, дараҷаи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт зиёд мегардад, ки чунин ҳолат ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар сабаб мегардад;

❖ ҷиҳати муқаррар кардани алоқа ва таъсиррасонии омилҳои асосӣ ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, муаллиф тамсилаи иқтисодию омориро вобаста аз нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсиррасон тавассути коэффитсиентҳо таҳия намудааст. Андозаи таъсиррасонии омилҳои таҳияшуда ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, тавассути истифодаи усули низоми шохисӣ (индексӣ) ба субот расонида шудааст;

❖ тамсилаи $У_P = У_b \cdot \bar{K}^L$ дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия гардидааст.

Нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шуда, инҳоянд:

❖ шарҳ додани муҳтаво ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул;

❖ тавсифи низоми нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул;

❖ арзёбии динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт тавассути истифодаи коэффитсиенти хатти пешравии мутлақ, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ, шохиси тавофут, коэффитсиенти Гатева ва индекси Салаи;

❖ арзёбӣ намудани натиҷаи таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳиш гардидани муҳоҷирати меҳнатии беруна;

❖ таҳия намудани дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027.

## IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон дод, ки хулосаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили методикаи арзёбии шуғли пурмаҳсул пешниҳод гардад.

Хулосаҳои пешниҳод гардида бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди маълумоти омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

## V. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Натиҷаҳои илмии бадастомада назарияҳои мавҷударо дар бахши макроиқтисодӣ мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди шуғли пурмаҳсул шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд. Натиҷа ва хулосаҳо дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар кори диссертатсионӣ тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки инҳоянд:

- роҳбарони Маркази бо кор таъминкунии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба назар гиранд, ки муносибати талабот ба қувваи корӣ дар як давраи муайян ва шумораи умумии қувваи корӣ ҳамчун пешниҳоди меҳнат имконият медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол, миқёс ва сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар қисматҳои муҳими бозори меҳнат муайян карда шавад;

➢ тавсия дода мешавад, ки рушди соҳа ва бахшҳои иқтисодиёт дар ҳамагуна маврид зарурияти муайян намудани талаботи потенсиалиро ба қувваи корӣ бавуҷуд меорад. Ин ҳолат ба он асоснок карда мешавад, ки дар оянда рушд намудани иқтисодиёт аз ҳисоби таҷдид ё васеъшавии истеҳсолот, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ғайра аз ҷониби корхонаю ташкилотҳои шаклҳои моликияташон гуногун таъмин карда мешавад. Хусусан, бо сабаби паст будани сатҳи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи иқтисодиёт ба болоравии нишондиҳандаи шуғли аҳолии машғул нисбатан таъсири манфӣ мерасонад, инчунин, боиси афзоиши сатҳи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат мегардад;

➢ дар амалия истифода бурдани низоми нишондиҳандаҳои асосии шуғли пурмаҳсул, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, имконият фароҳам меоварад, ки сатҳи ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт баҳогузорӣ карда шавад;

➢ масъалаи муҳими шуғли пурмаҳсул арзёбии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт мебошад. Бо мақсади он, ки раванди маҷмӯи аҳолии дар иқтисодиёт машғул саҳеҳтар таҳлил карда шавад, барои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки нишондиҳандаҳои ҷамъбастии пешравии сохторӣ (коэффитсиенти хаттии пешравии мутлақ ($S_d$), коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ ($S_\sigma$ ), шохиси тавофут (I), коэффитсиенти Гатева (К) ва шохиси Салаи ($I_c$) истифода бурда шавад;

➢ татбиқ намудани тамсилаи омилии сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар таҷрибаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи усули шохиси таъсиррасонии омилҳо - коэффитсиенти вобастагии аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ, коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз аҳолии бекор, коэффитсиенти шиддатнокӣ дар

бозори меҳнат ва коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ муайян карда шавад;

➢ тавсия дода мешавад, ки барои васеъ гардонидани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурӣ маълумоти дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул барои солҳои 2021 – 2027 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

## VI. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Муҳтавои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе, 13-уми октябри соли 2020) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конфренсияи байналмилалии илмию амалии онлайнӣ таҳти унвони «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: тамсилаҳои муосир ва самаранокии онҳо» 05-06 марти соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот 11 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,2 ҷ.ч, аз ҷумла, 8 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда мунташир шудааст.

## VII. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - «Иқтисодиёти меҳнат» амалӣ гардидааст.

## VIII. Эродҳо ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.

Ба андешаи мо, дар диссертатсия дар баробари бартариҳо як қатор муқарраоти баҳснок вомехӯрад:

1. Муаллиф дар диссертатсия мафҳумҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ ва шуғли устувори пурмаҳсули аҳолиро истифода намудааст, вале ин чи гуна шуғл аст ва аз якдигар чӣ фарқият доранд дар ҷараёни тадқиқот муайян накардааст.

2. Дар саҳ. 31-32 саволи 1.2 Расми 1.2.1 – Низоми нишондиҳандаҳои асосии шуғли пурмаҳсул оварда шудааст, ки ба 2 қисм ҷудо карда шудааст. Дар қисмати нишондиҳандаҳои мутлақ чунин нишондиҳандаҳо ба фикрам такрор шудаанд: Шумораи аҳоли хурд аз қобили меҳнат ва Шумораи аҳолии синну соли хурд аз синни қобили меҳнат; Шумораи аҳолии аз синну соли қобили меҳнат боло ва Шумораи аҳолии аз синну соли қобили меҳнат боло. Дар қисмати нишондиҳандаҳои нисбӣ бошад чунин нишондиҳандаҳо нодуруст ворид карда шудаанд, чунки онҳо ба фикрам нишондиҳандаҳои мутлақанд: Талабот ба қувваи корӣ, Пешниҳоди қувваи корӣ, Арзиш ва нархи қувваи корӣ.

3. Дар саҳ. 33 ва дигар саҳифаҳои диссертатсия “нишондиҳандаи мутлақи “шумораи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул” истифода гардидааст, ки мантиқан нодуруст аст ва ё ба хатогии техникӣ роҳ дода шудааст, чунки дар Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (- Душанбе: 2022. – С. 77) низ мафҳуми “аҳолии дар иқтисодиёт машғул” оварда шудааст.

4. Дар с. 75 муаллиф менависад, ки “тибқи маълумоти Ҷадвали 2.2.1 дар солҳои 2014-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона суръатафзоии нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии синнашон 15 сола ва аз он боло 24 фоизро ташкил медиҳад”, ки ин ба ҳақиқат рост намеояд.

5. Саволи 2.3 дар асоси маводҳои солҳои 2013 – 2019 навишта шудааст, ки хеле кӯҳна мебошанд ва ҳамаи ҷараёнҳои бозори меҳнати дохилӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунаро инъикос накардаанд. Фақат бемории сироятии дар ҷаҳон ба амаломада ва ҳодисаҳои охири дар

Федератсияи Россия ва Украина ба амал омада, дар ин самт тағйиротҳои куллиро ба миён овmarданд, ки дар диссертатсия баррасӣ нагардидаанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳамаи ҷадвалҳои диссертатсия то соли 2020 – ро дарбар мегирад, ки бисёр ҷараёнҳоро дар самти тадқиқот инъикос наменамояд.

6. Мавзӯи диссертатсия "Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бошад ҳам, вале дар тадқиқоти мазкур ба баррасии самтҳои асосии такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ аҳамият дода нашудааст.

7. Рӯйхати адабиёт тибқи талабот оварда нашудааст ва хатогиҳо зиёданд. Масалан, маълум нест, ки муаллифи адабиёт таҳти рақами 136 Д.М. Набиева аст ва ё Ш.С. Муҳитдинова?

8. Дар муқаддима ва руйхати адабиёти диссертатсия ҳарчанд номгӯи адабиёт ва олимони зиёди тоҷик оварда шудааст, вале мутаассифона дар ҷараёни тадқиқот ҳамагӣ ду иқтибос аз олимони ватанӣ оварда шудааст, ки онҳо ба солҳои 2006 ва 2011 рост меоянду халос. Асосан иқтибосҳо аз китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаи Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маводҳои илмӣ қариб тамоман истифода нашудаанд.

9. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои имлоию техникӣ ва таҳририӣ мавҷуданд (с. 3, 4, 5, 6 ва ғ.).

Камбудиҳои дар боло қайдгардида, асосан характери тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсири мустақим расонида наметавонанд.

## IX. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - «Иқтисодиёти меҳнат» пешниҳод шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №567 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи диссертатсия – Назарзода Наврузҷон Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
д.и.и., профессори кафедраи
назарияи иқтисодии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодирзода Д.Б

Имзои д.и.и., профессор
Қодирзода Диловар Баҳридинро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи милли Тоҷикистон

08-04-2023